«Тасдиқ мекунам»

ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ

доктори илми таърих, прфессор

------------------- Ғаффорӣ Н.У.

«22» октябри соли 2019 .

# Хулосаи

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ» (таҳқиқи қиёсӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик аз тарафи Фаттона Бадахш дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Дар давраи анҷом додани диссертатсия Фаттона Бадахш дар зинаи аспирантура таҳсил менамуд. Вай соли 2016 дохил шуда, соли 2019 аспирантураро хатм кард.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30.03.2017, қарори № 8/5.1.тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Фаттона Бадахш тадқиқоти комилу ба анҷомрасидаи илмӣ буда, мавзӯи он дорои аҳамияти муҳими назарӣ ва амалист. Диссертатсия бо фарогирии маводи тоза, дорои навгониҳои хоси илмист. Диссертант пажӯҳиши худро дар заминаи маводи фаровони адабӣ ва илмию пажӯҳишӣ бар пояи меъёрҳои муосири илми адабиётшиносӣ, бо забони шевои илмӣ таълиф намудааст.

Диссертатсияи номзадии Фаттона Бадахш бо масъалагузориҳои боҷуръатонаи илмӣ, муҳокимарониҳои муфассали олимона ва ҳалли ба низоми масъалаҳои мавриди назар фарқ мекунад. Тадқиқоти Фаттона Бадахш дорои аҳамияти муҳими назарӣ ва амалӣ буда, он дар самти омӯзиши қиёсии ашъори шоирони муосири Тоҷикистону Афғонистон

қадами шоиста мебошад, чунки масъалаи қаробатҳои эҷодии адибони Афғонистону Тоҷикистон аз ҷумлаи масоили муҳим ва мубрами илми адабиётшиносии муқоисавӣ мебошад. Дар мисоли қаробатҳои адабию ҳунарии Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ баррасӣ гардидани проблемаи мазкур муҳимияти мавзӯи мавриди пажуҳиши диссертантро ба маротиб меафзояд, зеро диссертант шабоҳат ва тафовутҳои адабию ҳунарии ашъори ин ду шоири тавоноро дар асоси бозтоби ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори онҳо баррасӣ намудааст.

Муҳимияти мавзӯи мавриди назари диссертант боз дар он зоҳир мешавад, ки ӯ эҷодиёти Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтариро аз нигоҳи ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, ба вижа аз лиҳози анвои шеърӣ, муштаракоти адабӣ, мавзӯӣ ва мундариҷавӣ, мақом ва ҷойгоҳи баъзе анвои шеърӣ мисли ғазал, достон, шеъри нав ва ғайра баррасӣ менамояд. Таваҷҷӯҳи муҳаққиқро вижагиҳои сабкӣ, сохторӣ ва ҳунарии ашъори шоирони номбурда ба·худ ҷалб кардааст. Бояд гуфт ки ашъори шоирони мазкур ҳам дар адабиётшиносии Тоҷикистон ва ҳам дар адабиётшиносии Афғонистон бори аввал ба таври қиёсӣ ба доираи таҳқиқ кашида шудааст.

Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар он зуҳур мекунад, ки ашъори Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ дар заминаи тасвири мавзӯоти мушаххас мисли тасвири масоили таърихӣ ва иҷтимоӣ бори нахуст бо истифода аз усули таҳқиқи қиёсӣ баррасӣ гардидааст. Дар канори ин масоили адабию ҳунарие мисли анвои шеърӣ, сабк, сохтори бадеӣ, забон, истифодаи вазн, қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ ва ғайра дар ашъори ҳар ду шоир ба таври муқоиса таҳқиқ мегардад. Диссертант аз тариқи таҳқиқи қиёсии ашъори Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ ба як қатор масъалаҳои муҳими робитаҳои адабии Тоҷикистону Афғонистон дар нимаи дуюми қарни XX ва ибтидои садаи XX1 равшанӣ меандозад.

Арзиши муҳими назарии диссертатсия дар он аст, ки тавассути пажаҳуши мазкур як қатор масоили марбут ба ҳунари шоирии Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ, махсусан саҳми онҳо дар таҳқиқи бадеии масоили таърихӣ ва иҷтимоӣ дар шеъри муосири Афғонистону

Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Дар заминаи баррасиҳои илмӣ диссертант ба вижагиҳои ҳунари шоирии адибони номбурда, саҳму нақши ҳар яки онҳо дар рушди ғазал, достон, шеъри нав ва анвои дигари шеърӣ дар адабиёти муосири тоҷикию дарӣ равшанӣ меандозад. Дар заминаи натоиҷи илмии рисолаи мазкур метавон таъкид кард, ки пажӯҳиши қиёсии ашъори шоирони кишварҳои форсизабон, бешубҳа дар раванди мутолиотиҳ қиёсӣ ва умуман адабиётшиносии муқоисавӣ падидаи тозаи назарӣ мебошад.

Аҳамияти амалии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки тавассути хулосаҳою бардоштҳои илмии диссертант барои таҳқиқи муфассалтару фарогири робитаҳои адабии Афғонистону Тоҷикистон, шинохти амиқтари таъсири мутақобилаи адабиёти халқҳои тоҷику афғон роҳи васеътаре боз мегардад. Натиҷаҳои илмии ин тадқиқот барои беҳтару хубтар ва фарогиртар омӯхтани эҷодиёти Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ кӯмак менамояд. Дар ҳар як бобу фаслҳои рисола нуктаҳо ва пешниҳодҳои илмие ҳастанд, ки онҳо барои таълифи мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ дар мавриди аҳволу осори Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ муфиданд. Ҳамчунин, рисолаи мазкур барои таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, таълифи рисолаҳои номзадӣ, магистрӣ, рисолаҳои хатми зинаи бакалавр ва ғайра кӯмак менамояд.

Ба таври куллӣ таҳқиқи ашъори ин ду шоир, ки дар мазомин ва дарунмояҳои фаровон дар бораи ишқ ба меҳан, мардум, забони модарӣ таваҷҷуҳ ба таърих ва адаби кӯҳан, ҷанг ва ғайра дорад, баёнгари басомади болои таърихият дар ашъори ҳар ду шоир аст. Вижагии дигаре, ки дар рисола мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, ин рӯ овардани шоирони мазкур ба мазмунҳо ва маъниҳои ватанпарастона, ифтихороти миллӣ ва иҷтимоӣ, андешаҳои инсонгароӣ ва ансоли онҳост. Муҳаққиқ мушобеҳотеро дар сохту маънои ашъор, сабку забон ва шеваҳои зебои баён, ривоятгароӣ ва тасвирҳои шоирона, нигориши фалсафӣ ба воқеияти таърихию иҷтимоӣ, воқеиятгароию устурапардозӣ ва ғайра ба мушоҳида

мегирад. Дар баробари ин, таъкид мешавад, ки дар шеваҳои тасвир, сабку забон ва навгароию суннатгарой дар ашъори Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ вижагиҳои хосе ба назар мерасад, ки онҳо дар маҷмӯъ тафовутҳои ҳунару истеъдоди адабӣ ва ашъори ин ду шоири тавонои тоҷику афғонро таъйин месозад. Ба таври куллӣ диссертатсия номзадии Фаттона Бадахш тадқиқоти комилу анҷомёфта мебошад. Автореферат ва мақолоти ба нашр расонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ ифода мекунанд. Муҳтавои диссертатсия дар мақолаҳои илмии зерини муаллиф баён гардидаанд, ки 3 мақолаи диссертант дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

1. Фаттона Бадахш. Андешаҳо оид ба зиндагӣ ва осори Восифи Бохтарӣ //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ). - Душанбе, 2017, №4. - с. 136-.141.

2. Фаттона Бадахш. Баррасии ҷанбаҳои таърихӣ дар ашъори Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи даввлатии омӯзгории Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ). - Душанбе, 2018, №3 - с. 202-210.

3. Фаттона Бадахш. Символизм дар ашъори Восифи Бохтарӣ ва Муъмин Қаноат//Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ). - Душанбе, 2019, №3 (80). - с. 140-149.

4.Фаттона Бадахш. Ҷойгоҳ ва мақоми шоирони Афғонистон дар “Намунаи адабиёти тоҷик” // Конференсияи байналхалқӣ бахшида ба 140-солагии С. Айнӣ. - Душанбе, 2018. - с. 124-128.

Диссертатсияи Фаттона Бадахш «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)» тадқиқоти комил ва анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илми номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик тавсия мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуд. Дар ҷаласа 14 нафар устодони кафедра иштирок доштанд, 14 нафар овоз доданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-14 нафар; муқобил-нест; бетараф-нест. Қарори №4, аз 22.10. 2019.

**Мудири кафедраи назария ва Таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илми филология, профессор:** **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович**

**Котиби илмӣ, номзади илми филология, дотсент:** **Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич**

**Имзои Ш. А. Солеҳов ва А. А. Шоевро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи Давлатии омӯзгории Тоҷикистон Ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров Давлатхон Қурбонмуродович**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ 121.**
**Тел: +992(37) 224-13-83**
**E-mail : tdpu @ mail. ri www. Tdpo. ti**